# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 2 октябри соли 2021, № 91 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-004** тадқиқоти диссертатсионии Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович дар мавзӯи: «Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтақа (дар мисоли ҷанубу шарқи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёти идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат (роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исайнов Ҳ.Р. тақризи муассисаи пешбар (Институти масъалаҳои об, гидроэнеретика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои географӣ, профессор Муҳаббатов Х.М., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мусинов А.С., баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктороми илмҳои иқтисодӣ, профессорон Ғаниев Т.Б., Умаров Х.У., ва Одинаев Ҳ.А.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович,**

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович дар мавзӯи: «Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтақа (дар мисоли ҷанубу шарқи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёти идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат, ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Маҳмудов Баҳриддин Нуриддиновичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил - нест, Бетараф - нест.

Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

**И.в.Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Улуғхоҷаева Х.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

**02 октябри соли 2021**